«Тасдиқ шуд»

Бо Қарори Шӯрои директорони

(Шӯрои нозирони)

ҶСП «Маҳфуздорандаи марказӣ»

Протокол аз 01.03.2025 № 02/25

# ТАРОФАҲОИ
# ҶСП «Маҳфуздорандаи марказӣ»

Душанбе – 2025

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Тарофаҳои мазкур ҳаҷми (маблағи) тарофаҳоро, мӯҳлат ва тартиби пардохти онхоро барои хизматрасониҳое, ки аз тарафи ЧСП «Маҳфуздорандаи марказӣ» (минбаъд Маҳфуздорандаи марказӣ) ба депонент расонида мешавад, муайян менамояд.

1.2. Тарофаҳои Маҳфуздорандаи марказӣ ба намудҳои асосии зерин тақсим мешавад:
1) Тарофаҳо барои расонидани хизмат аз тарафи Маҳфуздорандаи марказӣ;
2) Боҷҳо барои ҷуброн намудани хароҷотҳои Маҳфуздорандаи марказӣ.

1.3. Тарофаҳои зерин барои расонидани хизмат аз тарафи Маҳфуздорандаи марказӣ ҳангоми амалинамоии фаъолияти маҳфуздорӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад:
- Амалиётҳо аз суратҳисоби депо (кушодан ва бурдани суратҳисоб)
- Амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок (бозори мутташаккили коғазҳои қиматнок)
- Амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок (бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок - ОТС)
- Пешниҳоди тасдиқнома оид ба суратҳисоб
- Интиқоли маблағ аз суратҳисоби бонкӣ
- Дигар намудҳои амалиётҳои маҳфуздорӣ.

1.4. Боҷҳо барои ҷуброн намудани хароҷоти Маҳфуздорандаи марказӣ, барои ҷуброн намудани пардохтҳо аз тарафи шахсони сеюм таъин шудааст, ки аз тарафи Маҳфуздорандаи марказӣ бо сабаби амалинамоии нигоҳдории номиналии қоғазҳои қиматнок, инчунин бо сабаби бурдани суратҳисобҳои бонкии депонентҳо амалан иҷро шудааст ва ё бояд иҷро шавад. Ҳаҷми боҷҳо барои ҷуброн намудани хароҷоти Маҳфуздорандаи марказӣ мустақилона вобаста аз маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои ташкилоти баҳисобгирандае, ки бонкҳо ва дигар ташкилотҳоро хизмат мерасонанд, ба Маҳфуздорандаи марказӣ пешниҳод мешаванд.

1.5. Бо мақсади ситонидани (пардохт намудан) тарофаҳо ва боҷҳои худ Маҳфуздорандаи марказӣ ҳисобҳои ҷамъбастиро истифода менамояд, ки онхо аз тарафи Маҳфуздорандаи марказӣ ҳар моҳ пешниҳод карда мешаванд.

1.6. Хизматрасонихои Маҳфуздорандаи марказӣ бо яке аз усулхои зерин пардохт карда мешаванд:
- дар амал пешниход намудани хизматрасонихо;
- бо роҳи пешпардохт.

Тартиб ва мӯҳлати пардохти хизматрасониҳои Маҳфуздорандаи марказӣ ва ӯҳдадорихо оиди напардохтани онҳо муфассалтар дар Шартномаи хизматрасонии маҳфуздорӣ тавсиф карда шудааст.

1.7. Маҳфуздорандаи марказӣ ҳисобномаро барои пардохти хизматрасониҳои худ ба суроғаи муайян намудаи депонент пешниҳод менамояд. Ҳисобнома ба воситаи почтаи электронии депонент равона мешавад ё дар вақти ҳозир шудани депонент ё намояндаи ваколатдори он дар Маҳфуздорандаи марказӣ шахсан расонида мешавад.

1.8. Амалиётҳое, ки дар асоси қарори дахлдор ва дархостҳои ташкилотҳои давлатии ваколатдор ба вуҷуд меоянд, бе ситонидани ҳаққи хизмат иҷро карда мешаванд.

1.9. Пардохти хизматҳое, ки тартиб ва нархномаи онхо дар Тарофаҳои мазкур муайян нашудааст, мувофиқи шартномаи дутарафа бо депонент муайян мегардад.

1.10. Ҳангоми ба вуҷудоии ҳодисаҳои ғайричашмдошт, ки ба зиёдшавии фаврӣ ва беасоси тарофаҳои Маҳфуздорандаи марказиро нисбати пардохткунандагони алоҳидаи вай оварда расонад, Шурои директорони Маҳфуздорандаи марказӣ ҳуқуқ дорад бо қарори алоҳида шартҳои махсуси татбиқнамоии ин тарофаҳоро ва ё маблағҳои махсуси ин тарофаҳоро ва ё тартиби ҳисоббаробаркунии ин тарофаҳоро, инчунин шартҳо, тартиб ва мӯҳлати амали ин шартҳои махсусро (маблағҳоро, тартибҳоро) муайян намояд. Қарори зикргардидаи Шурои директорони Маҳфуздорандаи марказӣ дар сомонаи интернетии Маҳфуздорандаи марказӣ (http://www.cds.tj) нашр карда мешавад.

## 2. ТАРОФАҲО ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТ

| Намуди амалиёт | Воҳиди ченак | Маблағи тарофа (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| **Амалиётҳо аз суратҳисоби депо (кушодан ва бурдани суратҳисоб)** | | |
| Кушодани суратҳисоби депо барои Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок (шахсони ҳуқуқи) | 1 суратҳисоб | Бе ҳаққи хизмат |
| Бурдани суратҳисоби Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок (шахсони ҳуқуқи) | 1 суратҳисоб | 4 000 (харсола) |
| Кушодани зерҳисоби депо барои Сармоягузор | 1 суратҳисоб | Бе ҳаққи хизмат |
| Бурдани зерхисоби депо барои Сармоягузор | 1 суратҳисоб | 10 (ҳарсола) |
| Кушодани зерхисоби депо барои Эмитент | 1 суратҳисоб | 4 000 (пардохти яккарата) |
| Бурдани зерхисоби депо барои Эмитент | 1 суратҳисоб | 4 000 (харсола) |
| Кушодан ва бурдани суратҳисоб ва зерҳисоби депо барои Дорандаҳои қоғазхои қиматноки давлатӣ | 1 суратҳисоб | Бе ҳаққи хизмат |
| **Амалиётхо бо қоғазҳои қиматнок (бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок)** | | |
| Иштирокчии касбии бозори қоғазҳои қиматнок (шахсони ҳуқуқи) | 1 амалиёт бо 1 намуди қоғази қиматнок | 0,1% (на камтар аз 1 сомонӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| Сармоягузор (дар сурати бастани шартномаи дар бораи хизматрасонии муштарии депонент) | 1 амалиёт бо 1 намуди қоғази қиматнок | 0,1% (на камтар аз 1 сомонӣ) |
| **Амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок (бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок - ОТС)** | | |
| Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок (шахсони ҳуқуқи) | 1 амалиёт бо 1 намуди қоғази қиматнок | 0,5% (на камтар аз 10 сомонӣ) |
| Сармоягузор (дар сурати бастани шартномаи дар бораи хизматрасонии муштарии депонент) | 1 амалиёт бо 1 намуди қоғази қиматнок | 0,2% (на камтар аз 1 сомонӣ) |
| **Пешниҳоди тасдиқнома оид ба суратҳисоб** | | |
| Пешниходи тасдиқнома оид ба суратҳисоб вобаста ба амалиётҳои гузаронидашуда барои шахсони ҳуқуқӣ | 1 тасдиқнома баъд аз гузаронидани амалиёт | Бе ҳаққи хизмат |
| Пешниходи нусхаҳои тасдиқнома оид ба суратҳисоб барои шахсони ҳуқуқи (бо талаби мизоҷ) | 1 тасдиқнома | 40 |
| Пешниходи тасдиқнома оид ба суратҳисоб вобаста ба амалиётҳои гузаронидашуда барои шахсони воқей | 1 тасдиқнома баъд аз гузаронидани амалиёт | Бе ҳаққи хизмат |
| Пешниходи тасдиқнома оид ба суратҳисоб вобаста ба амалиётҳои гузаронидашуда барои шахсони воқей | 1 тасдиқнома | 8 |
| **Интиқоли маблағ аз суратҳисоби бонкӣ** | | |
| Супоришномаҳои пардохтии байнибонкии | 1 амалиёт аз соати $9^{00}$ то $16^{00}$ | 7 |
| Супоришномаҳои пардохтии байнибонкии | 1 амалиёт аз соати $16^{00}$ то $17^{00}$ | 8 |
| **Дигар намудхои амалиётхои махфуздорӣ** | | |
| Гузаронидани дивидендхо ва фоизхои Депонентхо | 1 амалиёт | 0,1% аз маблағи гузаронидашуда, бе назардошти хароҷотҳои интиқоли бонкӣ |